ХУЛОСАИ
Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” аз рӯйи диссертатсия Бобоева Шоиста Ҳакимовна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010700 - Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ

Парвандаи аттестатсионии № 008
Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 28.11.2020

Барои сазовор донистани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоева Шоиста Ҳакимовна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010700 - Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ.

Диссертатсияи “Методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” аз рӯйи ихтисоси 6D010700 - Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ба шӯро 24.04.2020 қабул карда шуд (суратҷаласаи №13), шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) (Фармоиши КОА-и назди Президенти ҶТ аз 4.12.2018 №140) аз 12.08.2020 ба ҳимоя иҷозат додааст (суратҷаласаи №15).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Бобоева Шоиста Ҳакимовна 4-уми январи соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Докторантура (PhD)-ро аз рӯйи ихтисоси 6D010700 - Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” хатм намуда, диссертатсияи худро дар кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим ба анҷом расонидааст. Номбурда аз соли 2017 то инҷониб дар кафедраи мазкур ҳамчун муаллима фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Исломов Озод Азимович.

Муқарризони расмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи риёзиёт ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат; Юсупов Саид-Акрамхоҷа Муминович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи сохтмон ва корҳои маркшейдерии Донишкадаи куҳӣ-металлургии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз номзади илмҳои педагогӣ (13.00.01), дотсенти кафедраи нақшакашӣ ва дизайн Мухторова Гавҳар Ғаффоровна имзо шудааст, қайд шудааст, ки мавзӯи интихобнамудаи Бобоева Шоиста Ҳакимовна мубрам арзёбӣ шуда, мундариҷаи диссертатсия дар таҳияи методикаи истифодаи технологияи компютерӣ дар ташкил ва гузаронидани корҳои графикӣ аз фанни нақшакашӣ муаасир мебошад. Ҳангоми омузиши фанҳои графикӣ ҷорӣ намудани нақшакашии компютерӣ малакаҳои технологии донишҷӯёнро баланд бардошта, ба ташаккули муносибати нав ба дарки мақсадҳои омузиш, дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини таълими фанҳои графикӣ оварда мерасонад.

Дар автореферат 27 таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ дарҷ гардидааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ҷой дода шудааст, ки ҳамагӣ фарогири мавзӯъ ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд.

Вобаста ба мавзӯи тадқиқот интишороти зерин ба анҷом расидаанд:

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ тасдиқшуда ба нашр расонида шудаанд:

1.1. Бобоева Ш.Х. Информационные технологии в графической подготовке студентов педвузов [Текст] / А.А. Азизов, Ш.Х. Бобоева, Ф.Н. Яхёев // Вестник Бохтарского Государственного Университета имени Носира Хусрава (научный журнал) Серия гуманитарных и экономических наук – Бохтар 2018, №1/3 (55). – С. 159-164. (в соавторстве)

1.2. Бобоева Ш.Ҳ., Азизов Ш.Ю. Масъалаҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими фанни нақшакашӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева, Ш.Ю. Азизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020, № 4. – С.232-238. (дар ҳаммуаллифӣ)

1.3. Бобоева Ш.Ҳ. Таълими фанни нақшакашӣ дар низоми муносибати босалоҳият [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Маҷаллаи илмии «Номаи донишгоҳ» Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ – 2017, №4 (54), – С. 286-291.

1.4. Бобоева Ш.Х. Повышение эффективности образования с использованием компьютерных технологий в обучении графическим дисциплинам [Текст] / Ш.Х.Бобоева // «Учёные записки» серия гуманитарно-общественных наук - 2018. №4 (57) – С. 207-211.

1.5. Бобоева Ш.Ҳ. Муносибати босалоҳият дар таълими фанни санъати тасвирӣ [Матн] / Ш.Ҳ.Бобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 2019. №3, – С. 284 -288.

II. Китобҳои дарсӣ, нишондоди методӣ ва барномаҳо:

2.1. Бобоева Ш.Ҳ. Нақшакашӣ тавассути барномаи AutoCAD [Матн] / О.А.Исломов, Ш.Ю.Азизов, Ш.Ҳ.Бобоева, З.З. Мирзобоев // Дастури таълимӣ-методӣ – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2018. – 132 с. (дар ҳаммуаллифӣ)

2.2. Бобоева Ш.Ҳ. Методикаи таълими санъати тасвирӣ (дар низоми муносибати салоҳиятнокӣ) [Матн] / О.А.Исломов, Ш.Ю.Азизов, Ш.Ҳ. Бобоева // Китоби дарсӣ – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2018. – 400 с. (дар ҳаммуаллифӣ)

2.3. Бобоева Ш.Ҳ. Нақ̆ошӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Китоби дарсӣ – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2018. –126 с.

2.4. Бобоева Ш.Ҳ. Лоиҳакашӣ бо воситаи барномаи ArchiCAD [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Дастури таълимӣ-методӣ – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2019. –132 с.

III. Маводҳои конференсияҳои байналмилаллӣ,
ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ:

3.1. Бобоева Ш.Ҳ. Татбиқи воситаҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ [Матн] / Ш.Ю. Азизов, Ш.Ҳ. Бобоева // «Логистика ва ҳамлу нақли мултимодалӣ: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо» - Маводи конфронси илмӣ – амалии байналмилалӣ (29 декабри соли 2018 – ш. Бӯстон, Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон) – Бӯстон: 2018. – С. 238-240. (дар ҳаммуаллифӣ)

3.2. Бобоева Ш.Х. Использования компьютерных технологий в обучении графическим дисциплинам [Текст] / Ш.Х. Бобоева // Материалы республиканской научно-практической конференции «Наука и техника для устойчивого развития» (28 апреля 2018 года) Часть 1. – Душанбе: 2018. – С.104-108.

3.3. Бобоева Ш.Ҳ. Татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими фанни “Нақшакашӣ” [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ» – Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 81-87.

3.4. Бобоева Ш.Ҳ. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими фанни нақшакашӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Муаммоҳои муосири илмҳои дақиқ ва нақши он ва нақши он дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷомеа” бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонт – Хуҷанд: 2018. – С.127-129.

3.5. Бобоева Ш.Х. Применение информационных технологии при проведении педагогической практики [Текст] / Ш.Х. Бобоева, А. Абдурахими // Материалы и методы инновационных научно-практических

исследований и разработок: сборник статей Международной научно-практической конференции (28 октября 2019 г, г. Калуга). / в 2 ч. Ч.1 - Уфа: Omega Science, 2019. – С.122-126. (дар ҳаммуаллифӣ)

3.6. Бобоева Ш.Ҳ. Ислоҳот ва навсозӣ дар низоми маорифи кишвар [Матн] /Ш.Ҳ. Бобоева // Роҳоварди олимони ҷавон (маводи конфронси олимон ва муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ – 2018) – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – С. 226-232.

3.7. Бобоева Ш.Ҳ. Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии истифодаи технологияи авдиовизуалӣ дар таълим [Матн] / Ш.Х. Бобоева // Маводи конференсияи илмӣ методии донишгоҳӣ – Хуҷанд: 2019. – С. 205-208.

3.8. Бобоева Ш.Ҳ. Муносибати босалоҳият дар раванди таълими фанни нақшакашӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ” бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 – Душанбе: 2019. – С. 293-299.

3.9. Бобоева Ш.Ҳ. Масъалаҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи фанни санъати тасвирӣ [Матн] / О.А. Исломов, Ш.Ҳ. Бобоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ва технологияи информатсионӣ” – Душанбе: 2019. – С.132-134. (дар ҳаммуаллифӣ)

3.10. Бобоева Ш.Ҳ. Имкониятҳои истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими геометрияи тасвирӣ [Матн] / О.А. Исломов, Ш.Ҳ. Бобоева // Маводи конфиренсияи илмӣ – амалии Ҷумҳуриявӣ оид ба мавзӯи “Сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Хуҷанд: «Меҳвари дониш», 2018. – С.131-134. (дар ҳаммуаллифӣ)

IV. Мақолаҳои илмӣ:

4.1. Бобоева Ш.Х. Профессиональная подготовка будущих учителей графических дисциплин в информационном обществе [Текст] / Ш.Х. Бобоева, Ш.Ю. Азизов // Современная наука: теоретический и практический взгляд / Сборник научных статей. - Москва: Издательство "Перо", 2018. – С.20-24. (дар ҳаммуаллифӣ)

4.2. Бобоева Ш.Ҳ. Барномаи графикии ArchiCAD дар истифодаи конструксияҳои сохтмонӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (Маҷмӯи мақолаҳо) – Хуҷанд: Ношир, 2016. – С. 54-58.

4.3. Бобоева Ш.Ҳ. Тахтаи электронӣ - яке аз воситаҳои техникии омӯзиш [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими

фанҳои графикӣ (Маҷмӯи мақолаҳо) – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 35-40.

4.4. Бобоева Ш.Ҳ. Истифодаи воситаҳои графикаи компютерӣ дар раванди таълими лоиҳакашии бадеии омӯзгорони ояндаи фанни технология [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // «Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ» (Маҷмӯи мақолаҳо) – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 64-68.

4.5. Бобоева Ш.Х. Компютерная графика и организация самостоятельной деятельности студентов [Текст] / Ш.Х. Бобоева // «Проблемы истории, теории и методики преподавания графических дисциплин» (Сборник статьей) Худжанд: Ношир, 2019. – С. 128-131.

4.6. Бобоева Ш.Х. Применение ИКТ в лекционном преподавании [Текст] / Ш.Х. Бобоева // Научный журнал «Интернаука» - №35 (117) Часть 1. – Москва: Изд. Интернаука, 2019. – С. 22-24.

4.7. Бобоева Ш.Ҳ. Истифодаи воситаҳои мултимедӣ дар раванди таълим [Матн] / Ш.Ҳ. Бобоева // Идомабахши санъати аҷдодӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 333-337.

4.8. Бобоева Ш.Х. Мультимедийный технологии в оразовательном процессе высшего учебного заведения [Текст] / О.А. Исломов, Ш.Ю. Азизов, Ш.Х. Бобоева // “Раҳнамои омӯзгор” Учебно-методический журнал – Худжанд: Нури маърифат, 2019. – С. 56-62. (дар ҳаммуаллифӣ)

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шуданд:

1. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ (13.00.01), мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз дастрас гардидааст, ки дар он низ ба автореферати диссертатсияи Бобоева Ш.Ҳ. баҳои мусбат дода шудааст.

2. Дар тақризе, ки аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ (13.00.01), профессор, академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Русия, ходими пешбари шӯъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Хуррам Раҳимзода навишта шудааст, қайд гардидааст, ки ҳангоми баррасии автореферат дар баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе камбудиҳои имлоӣ ба назар расиданд, ки ба арзиши илмии таҳқиқот таъсире надоранд.

3. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ (13.00.02), дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Аҳтам навишта шуда, дар мазмуни он таҳқиқоти илмии диссертант мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Тақриз ба автореферати диссертатсия, ки аз ҷониби номзади илмҳои

педагогӣ (13.00.02), мудири кафедраи технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Алламуродов Боймуҳаммад Носирович пешниҳод шудааст, мазмуну муҳтавои таҳқиқот дар маҷмӯъ мусбат арзёбӣ шудааст.

Мавзӯи диссертатсияи докторӣ ва мақолаҳои илмии миқарризи расмии якум Мирзоев А.Р. доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи риёзиёт ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ навишта шуда, ба таҳқиқоти Бобоева Ш.Ҳ. алоқаманд мебошад.

Муқарризи расмӣ номзади илмҳои педагогӣ Юсупов Саид-Акрамхоҷа Муминович оид ба “Ташаккули фарҳанги графикии донишҷӯёни муассисаҳои олии техникӣ дар асоси фанҳои графикӣ” таҳқиқоти илмӣ гузаронидааст, ки дар бахшҳои алоҳида ба масъалаи истифодаи воситаҳои компютерӣ низ аҳамият зоҳир намудааст, ки ӯ ҳамчун яке аз муаллимони навовари таълими нақшакашии компютерӣ шинохта мешавад.

Аз сабаби мувофиқ будани соҳаи таҳқиқот бо муассисаи пешбар ДДОТ ба номи С.Айнӣ, ки донишгоҳи класикии омӯзгорӣ маҳсуб меёбад ва кормандони ин муассиса ба мавзӯи вобаста ба таҳқиқотии Бобоева Ш.Ҳ. мақолаҳои илмӣ нашр намудаанд, интихоб гардидааст. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии соҳаи педагогӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, мутахассисони варзидаи он дар таҳқиқу баррасӣ ва таълими масоили умдаи таҳсилоти графикӣ маъруфанд.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар ҷараёни таълими фанҳои графикиро дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ коркард карда шуд.

Методикаи нави таҷрибавӣ, ки қонуниятҳои сифатан нави падидаи таҳқиқшавандаро ошкор менамояд, дар муайян намудани мавқеи иттилоот дар замони муосир, муайян намудани дурнамои рушди соҳаи таҳсилоти графикӣ дар асоси таҳлили ҳолати имрӯзаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълим, таҳлили вазъи имрӯзаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва асоснок кардани имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ, таҳияи амсилаи методикаи истифода аз технологияоҳои иттилоотӣ - иртиботӣ ва педагогии замонавӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ, коркарди дастурҳои таълимӣ-методӣ ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани нақшакашии компютерӣ, таҳлил ва асоснок намудани методҳо, шакл ва

намудҳои дарси нақшакашии компютерӣ дар раванди таълим пешниҳод шудааст.

Методикаи истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ ва самаранокии дастурҳои омӯзишии таҳиягардида, дар асоси натиҷаи таҷрибаи озмоиши педагогӣ дар раванди таълим исбот шудааст.

Муҳаққиқ дар асоси натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот ҷорӣ намудани фанни “Нақшакашии компютерӣ (AutoCAD)”-ро дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, ки ихтисосҳои “Санъати тасвирӣ, нақшакашӣ. Технология”, “Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ. Ҳунарҳои бадеии халқӣ” ва “Дизайн (графикӣ)” ва ғайра амал мекунанд, тавсия медиҳад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки ҳаҷм ва мундариҷаи методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикии донишгоҳҳои омӯзгорӣ муайян карда шудааст.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта методҳои назариявии омӯзиш ва таҳлили адабиёт доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ, стандартҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, синтез, муқоиса, моделсозӣ, суҳбат, назарпурсӣ, мусоҳиба, санҷиши тестӣ, мушоҳидаи машғулиятҳои дарсии намунавӣ, омӯхтани таҷрибаҳо ва таҳлил намудани он, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кори омӯзгорони донишгоҳҳои омӯзгорӣ оид ба методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ - иртиботӣ ва натиҷагирӣ намудани озмоиши педагогӣ истифода шудаанд.

Мавқеи муҳаққиқ дар баён шудани далелҳо ва исботи унсурҳои назаиявӣ, ки муайян намудани мавқеи иттилоот дар замони муосир, таҳлили вазъи имрӯзаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин асно муайян намудани дурнамои рушди соҳаи таҳсилоти графикӣ дар раванди таълим бемайлон буда, ошкор гардидани номувофиқатӣ нисбат ба талаботи имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти омода намудани муаллимони фанни нақшакашӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ маълум карда шуда, робита ба он ҷиҳати аз нав такмил додани мазмун ва мундариҷаи таълими фанҳои гарфикӣ, масъалаҳои дар шароити кунунӣ омода намудани хатмкунандагони босалоҳият дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ омӯхта шуданд.

Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

- методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ коркард карда шуда, он дар ихтисосҳои “Санъати тасвирӣ, нақшакашӣ. Технология”, “Санъати

тасвирӣ ва нақшакашӣ. Ҳунарҳои бадеии халқӣ” ва “Дизайн (графикӣ)” МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» фанни “Нақшакашии компютерӣ (AutoCAD)” ҷорӣ карда шудаанд;

- зарурат ва имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ муайян муайян карда шуданд;
- амсилаи методикаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълими фанҳои графикӣ офарида шуд;
- бори аввал дастури таълимӣ -методӣ оид ба омӯзиши барномаи графикии AutoCAD барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ муаррифӣ карда шуд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки аз ду донишгоҳи омӯзгорӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ 114 нафар ва дар гурӯҳҳои назоратӣ 111 нафар, дар умум 225 нафар донишҷӯён иштирок намудаанд. Назария дар асосҳои далелноки санҷидашуда сохта шудааст, ҳамчунин, бо далелҳои интишоршудаи мавзӯи диссертатсия ва истифодаи методҳои муосир дар таълими фанҳои гарфкӣ бо воситаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ ғоя асоснок шудааст. Дар раванди тадқиқот аз дастури методии муаллиф “Нақшакашӣ тавассути барномаи AutoCAD” ва имкониятиҳои технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ истифода шудаанд. Натиҷаҳои таҷрибаи озмоишӣ арзёбии натиҷаҳои ду санҷишҳои марҳилавӣ ва имтиҳони ниҳоии донишҷӯён муайян шудаанд.

Барои эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот критерияи оморӣ-математикии хи-квадрат (χ^2) истифода карда шуд, ки натиҷаҳои тадқиқот аз лиҳози миқдорӣ мавриди коркард қарор дода шуда, самарабахшии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ собит гардидаст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар шароити донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботии муосирро дар раванди машғулиятҳои фанҳои графикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардааст, ки яке аз таҷрибаҳои аввалин буда, дар ин самт аҳамияти махсуси илмию амалӣ дорад. Муҳаққиқ дар ин замина дастурҳо ва мақолаҳои зиёди илмӣ, аз ҷумла дар конференсияхои илмии сатҳҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишор намудааст. Ҳамчунин, иштироки бевосита дар ҳамаи марҳилаҳои равандҳои таҳқиқ ва натиҷагирӣ, роҳандозӣ намудани коркард ва шарҳу тафсири маълумоти таҷрибавӣ инъикос ёфтааст.

Дар ҷаласаи 28.10.2020 шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-045 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” қарори

сазовор донистани Бобоева Шоиста Ҳакимовна бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D010700 - Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси 6D010700 - Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ.

Овоз доданд: тарафдор 12 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Муовини раиси Шӯрои
диссертатсионии 6D.КОА-045
дар назди МДТ "ДДХ ба номи
академик Б. Ғафуров" Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионии 6D.КОА-045
дар назди МДТ "ДДХ ба номи
академик Б. Ғафуров" Дадобоева Муҳаррам Наимҷоновна

ҶМ.

28.11.2020 с.